**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Шухрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии каторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 пешниҳод гардидааст.

Муаллиф дар асоси таҳқиқоти саҳроии солҳои 2022–2025 таркиби намудии 120 намуди набототро (25 оила, 50 авлод) муайян намудааст. Навоварии таҳқиқот дар муайянсозии 34 форматсия ва зиёда аз 150 ассотсиатсия, инчунин гузаронидани таҳлили муқоисави дендрофлора бо минтақаҳои Дарвоз ва Қаротегин аз он намуна аст. Дар кор таъсири омилҳои антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим ба набототи минтақа ба таври ҷудогона баррасӣ шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти амалӣ буда, барои соҳаи ҳифзи табиат ва ҷангалпарварӣ муфид мебошанд.

Дар автореферат баъзе камбудиҳои техникӣ ва норасоиҳо дар қисми шарҳи адабиёт (омӯзишҳои дохилӣ) ва хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд, ки ба арзиши илмии кор таъсири намерасонанд.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва тахлил карда шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйири иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ

буда, муаллиф ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии биотехнологияи назди ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, н.и.б Каримов Ҳ.С.

**Ихтисос 030201 -Ботаника**

**Суроға**:н.Рӯдакӣ, деҳ. Кулписта №72. Тел.909090670

Имзои **Тақриздиҳанда** –ро

тасдиқ мекунам:

Шуъбаи кадр Назарова М.Р

**Суроғаи Пажӯҳишгоҳ:** 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146

Сана 18.06.2026 с